# Иҷрои Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2013-2017 дар шашмоҳаи дуюми соли 2016

Вобаста ба иҷрои тавсияи 12 ҷиҳати мусоидат намудан ба шуғли доимии муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта ба зиммаи мақомоти давлатии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифаҳои иловагӣ вогузор карда шуд. Дар Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2017 бандҳои алоҳида ва мушаххас ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба касбомӯзии бештар фарогирии онҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мусоидат ба муҳоҷирони меҳнатӣ барои дарёфти кор ва фароҳам овардани заминаи мусоиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини босамари фаъолият ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори омма дар ҳамкорӣ бо Созмони Байналмилалии Муҳоҷират ва бо дастгирии молиявии Вазорати рушди ҳамкориҳои байналмилалии Британияи Кабир дар шабакаи интернет торнамои «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ» дар нишонии www.kor.tj таъсис дода шуд. Торнамои мазкур ҳар моҳ маълумотро оид ба беш аз 10 ҳазор ҷойҳои кории холӣ ва касбу ихтисосҳои муассисаҳои таълимии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ мунтазам пешниҳоди шаҳрвандон мегардонад. Таъсис додани торнамои мазкур дар доираи татбиқи афзалиятҳои муайяншуда дар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 амалӣ гардида, мубодилаи электронии маълумотро миёни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ таъмин менамояд ва қадами устувор дар ташкили ин низом буда, дар баробари ин, фарогири маълумот дар бораи тозатарин хабарҳо ва навгониҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, тадбирҳои амалишаванда дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, пурсиши корфармоён ва афкори шаҳрвандон мебошад ва имконияти ҳамкориро бо ҷомеа, фаъолияти озод ва фавриро бо васоити ахбори омма таҳким мебахшад.

Аз ҷониби сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 4066 нафар шаҳрвандон, ки воридшавиашон ба ҳудуди Федератсияи Россия манъ шудааст, дар дохили ҷумҳурӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштанд.

Бахри иҷрои тавсияи 18 баҳисобгирии рафтуомади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда, айни замон дорои рақамҳои дақиқ мебошад. Дар соли 2016 аз ҷумҳурӣ 517 308 нафар шаҳрванд ба

хориҷи кишвар барои муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудааст, ки аз инҳо 435 457 нафараш мард ва 81 851 нафараш зан мебошанд. Дар ин муддат 504 935 нафар муҳоҷири меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ва 12 373 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кардааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 рафти муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа 35 288 нафар, ё ин ки 6% кам шудааст. Дар ин давра аз хориҷи кишвар 436 974 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватан бозгаштанд. Аз ин теъдод 353 504 нафарашро мардон ва 83 470 нафарашро занон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 48 381 нафар, ё ин ки 12% зиёд шудааст.

Оид ба иҷрои тавсияи 20 сохторҳои Хадамоти муҳоҷират дар маҳалҳо якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, ҷиҳати амалӣ намудани он таҳти ҳамоҳангсозии раёсатҳои Хадамоти муҳоҷират дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе гурӯҳи корӣ бо ҷалби кормандони масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин раёсатҳои корҳои дохилӣ, тандурустӣ ва маориф таъсис дода шудааст. Гурӯҳҳои корӣ дар вохӯриҳои худ ҳамаи паҳлуҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла навовариҳо дар қонунгузории амалкунандаи Федератсияи Россия, тартиби будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, гирифтани иҷозат барои кор ва патент, масъалаҳои касбомӯзӣ ва забономӯзӣ, донистани таъриху тамаддуни кишвари будубош, пешгирии касалиҳои сирояткунанда ва ғайраро ба ширкаткунандагон муаррифӣ менамоянд. Дар соли 2016 аз ҷониби мақомоти давлатии муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 1790 вохӯрӣ ташкил карда шуд, ки ҳамагӣ 140052 нафар иштирок намуданд. Инчунин барои роҳнамоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар Хадамоти муҳоҷират бахши қабул ва маслиҳатдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолият менамояд.

Ҷиҳати иҷрои тавсияи 22 дар дастгоҳи марказии Хадамоти муҳоҷират, раёсатҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия телефонҳои боварии шабонарӯзӣ фаъолият дорад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд доир ба ҳамаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва поймол гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон муроҷиат намуда, маслиҳатҳои муфид гиранд. Танҳо дар соли 2016 ба дастгоҳи марказии Хадамоти муҳоҷират тариқи телефонҳои боварӣ аз ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ 13634 нафар сокинони кишвар муроҷиат намуданд, ки нисбат ба соли 2015 4846 нафар зиёд мебошад.

Аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ барои бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он кишварҳо иқомат менамоянд, корҳои заруриро анҷом ёфта истодааст. Оид ба ҳар як аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ё иттилооти дар воситаҳои ахбори омма пайдошуда вобаста ба ҳолати коррупсионӣ дар

муассисаҳои консулии кишвар тафтишоти мушаххас гузаронида шуда, ҷиҳати пешгирии чунин ҳолатҳо чораҳои қатъӣ гузаронида мешаванд.

Бобати иҷрои тавсияи 28 дар соли 2016 лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017», лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд» таҳия гардиданд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 30 Консенпсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо ташкилотҳои кумакрасон шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳоти таҷрибавӣ оид ба татбиқи Консепсияи мазкур гардида, ҷиҳати амалигардонии марҳилавии Консепсия ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Оид ба иҷрои тавсияи 32 ҷиҳати пурзӯр намудани корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ролики телевизионӣ дар мавзӯи «Қонунҳои нави Федератсияи Россия дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ»-ро таҳия намудааст, ки ҳоло дар тамоми шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ пахш мегарданд. Баҳри бурдани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба навовариҳо дар қонунгузории Федератсияи Россия дар вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гурӯҳҳои корӣ дар байни аҳолӣ ташкил карда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад. Ҳамзамон дар шабакаҳои телевизионии «Пойтахт» ва «Сафина» барномаи муфассал оид ба қонунгузории Федератсияи Россия бо иштироки раёсати Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташкил карда шуда, дар радиоҳои «Тоҷикистон», «Ховар», «Фарҳанг», «Бурунмарзӣ», «Ватан», «Озодӣ» ва «Имрӯз-нюс» суҳбату баромад ва мусоҳибаҳо ба таври доимӣ ва ҳамарӯза анҷом дода мешавад. Ҷиҳати огаҳӣ пайдо намудани шаҳрвандон - муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба тарзи пур кардани варақаҳои муҳоҷиратӣ дар фурудгоҳҳо, роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ низ ролики телевизионӣ омода гардида, тариқи ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ пахш карда шуд. Бо истифода аз торнамоҳои дохил ва хориҷи кишвар, аз ҷумла Хадамоти федералии муҳоҷирати Россия, торнамои интернетии намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар торнамоҳои интернетӣ («Khovar.tj», «Faraj.tj», «Ozodagon.com», «tojnews.tj») ва рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум» ва «Минбари халқ» ҳамкориҳо ба роҳ монда шуда, доир ба фаъолияти Хадамоти муҳоҷират ва сохторҳои он дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ва мушкилоти муҳоҷирон мавод дастрас карда шуда, ҳамарӯза

дар торнамои Хадамоти муҳоҷират бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ворид карда мешавад. Барои ба вуҷуд овардани хазинаи иттилоотию таҳлилӣ дар бораи диаспораҳои тоҷикон, муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ дар Хадамоти муҳоҷират торнамо бо номи www.migration.tj фаъолият дорад. Ҳамзамон тариқи торнамои интернетии burunmarzi@mail.ru робитаи зич бо ҳамватанони бурунмарзӣ, диаспораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар хориҷи кишвар фаъолият менамоянд, ба роҳ монда шудааст. Дар тамоми ҷашнвораҳо, ки дар ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, номаҳои табрикӣ ба ҳамватанони бурунмарзӣ фиристонида мешавад. Аз номи онҳо низ ба ин торнамо хабару маълумот ва маводи иттилоотӣ вуруд мегардад. Инчунин дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират» фаъолият дорад, ки он оид ба марказҳои фарҳангии диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ ва нигоҳ доштани урфу одат, расму оин, забони модарӣ, таърих ва фарҳанги тоҷикон оид ба ҳаёт ва зиндагонии тоҷикони бурунмарзӣ мунтазам хабару гузориш ва мақолаҳо ба нашр мерасонад. Дар Хадамоти муҳоҷират хазинаи иттилоотӣ дар бораи диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ фаъол аст ва он барои таъмини ҳамкориҳои босамар ва ташаккули сиёсати давлатӣ дар заминаи робита бо диаспораҳо, ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ заминаи хуб мегузорад.

Бахри иҷрои тавсияи 34 масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва низоми муҳоҷират бо давлатҳои хориҷӣ дар асоси шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба ба танзим дароварда шуда истодаанд.

Дар доираи иҷрои тавсияи 38 намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои қонунгузорӣ чорабиниҳо анҷом медиҳанд. Вобаста ба муроҷиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти корҳои хориҷӣ вокуниш зоҳир намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ вобаста ба онҳо норозигиҳо низ ба кишварҳои алоҳида ирсол мегарданд.

Оид ба иҷрои тавсияи 42 айни замон ҷиҳати зиёд намудани захираи инсонӣ дар Сафорат ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Вазорати корҳои хориҷӣ масоили таҷдиди сохтори намояндагиҳои мазкурро вобаста ба шароит ва ҳаҷми кории онҳо ба нақша гирифтааст.

Зимни иҷрои тавсияи 44 дар доираи ҳамкорӣ бо Созмони Байналмилалии Муҳоҷират тибқи Нақша маркази таълимии судяҳо дар назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Барномаи такмили ихтисоси судяҳои ҷумҳурӣ барои нимсолаи дуюми соли 2016 омӯзиши Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро ба нақша гирифта, 63 нафар судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар моҳҳои ноябр ва декабри соли 2016 ба омӯзиши мавзӯи «Савдои одам ҳамчун ҷинояти фаромиллӣ ва таъқиби ҷиноятии он» фаро гирифта шуданд. Дар тренингҳои омӯзишӣ, ки бо иштироки

судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо баргузор гардид, вобаста ба мафҳумҳои «меҳнати маҷбурӣ», «хизматрасонии маҷбурӣ», «ғуломӣ», «расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ» ва ғайра тавзеҳот дода шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ бобати иҷрои конвенсияҳои Минск ва Кишинёв дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ супориш ва дархостҳои судҳои Федератсияи Россия, Украина, Беларус, Молдавия, Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистон доир ба парвандаҳои судӣ вобаста ба муносибатҳои муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои мазкур баррасӣ гардиданд. Ҳамагӣ дар ин давра аз давлатҳои номбурда ба воситаи шуъбаи муносибатҳои байналмилалии Суди Олӣ ба судҳои ҷумҳурӣ ва мутаносибан аз судҳои ҷумҳурӣ ба судҳои кишварҳои зикргардида 344 супориш ва дархости судӣ ворид ва баъд аз иҷро баргардонида шуданд.

Ҳамзамон барои беҳгардонии фаъолияти низоми адолати судӣ ва омода будани судяҳо ҷиҳати татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда вобаста ба ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирии қонунвайронкуниҳо 18 мурофиаи таълимии судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ташкил ва ба воситаи шабакаи «Телевизиони Тоҷикистон» дар барномаи «Мурофиа» бо иштироки судяҳои ҷумҳурӣ омода ва пахш гардиданд. Аз ҷумла, дар мурофиаҳои судӣ тартиби баррасии парвандаи оилавӣ вобаста ба бекор кардани акди никоҳ бо шахсони дар муҳоҷират буда, парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон), дигар баҳсҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба воситаи шабакаи телевизиони номбурда пахш гардиданд.